Border Management Programme in Central Asia (BOMCA)

Барномаи дастгирии идораи сарҳадот дар Осиёи Марказӣ (БОМКА)

The Programme is funded by the European Union

Empowered lives. Resilient nations.

The Programme is implemented by UNDP

Варақаи иттилоотӣ

ВОХӮРИИ МАҚОМОТИ ҶУМҲУРИҲОИ ҚИРҒИЗИСТОН ВА ТОҶИКИСТОН ОИДИ ҲАМКОРИҲОИ ТРАНССАРҲАДӢ

ш. Қайроқум, Тоҷикистон (12 декабри с. 2012) – 35 нафар аъзоёни гурӯҳи корӣ, ки намояндагони мақомоти маҳалӣ ва мақомоти қудратии ду тарафи сарҳади Тоҷикистон – Қирғизистон мебошанд, имрӯз бо ҳам вохӯрданд ва масоили такмил додани ҳамкориҳои транссарҳадии байни деҳоти тарафайнро муҳокима ва табодули назар намуданд. Дар ҷараёни ҷаласаи мазкур, мақомоти маҳалии вилояти Суғди Ҷумҳуриии Тоҷикистон ва вилояти Баткени Ҷумҳуриии Қирғизистон натиҷаи татбиқшавии нақшаи ҳамкорӣ дар соли 2012ро муҳокима намуданд ва нақшаи амалиёт дар самти пурзӯр намудани ҳамкориҳои транссарҳадиро барои панҷ соли оянда тасдиқ намуданд ва ҳамчунин амалишавии бомуваффақияти нақшаро барои соли ҷорӣ қайд намуданд. Вохӯрии мазкур ба ширкаткунандагон имкон фароҳам овард, ки масоили мушаххаси рӯзмарраи ҳамкориҳои транссарҳадиро муҳокима намоянд.

11 декабр, мақомоти маҳалӣ ва мақомоти қудратии вилояти Суғди Ҷумҳуриии Тоҷикистон ва вилояти Баткени Ҷумҳуриии Қирғизистон дар ш. Исфараи Ҷумҳуриии Тоҷикистон дар мавзӯи такмил додани ҳамкориҳои транссарҳадии байни деҳоти ду кишвари ҳамсоя семинари якрӯза гузаронидand.

Интизорӣ меравад, ки ин ду чорабинии мазкур, ки аз ҷониби барномаи Иттиҳодияи Аврупо ва БРСММ оид ба мусоидат намудан дар идоракунии сарҳадот дар Осиёи Марказӣ (БОМКА) дар якҷоягӣ бо барномаи БРСММ “ Рушди комплексии қаламрави вилояти Баткен” баргузор гардидаанд, дар беҳтар намудани ҳамкориҳои транссарҳадӣ ва ҳамдигарфаҳмии аҳолии деҳоти маҳалии ҳарду кишвар саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

Ҳадафи барномаи БОМКА ин кӯмак намудан дар такмили бехатарӣ дар Осиёи Марказӣ, мусоидат намудан дар қонунӣ гардонидани тиҷорат ва транзит ва ҳамчунин пешгирӣ намудани убури ғайриқонунии одамон тавассути сарҳадоти Осиёи Марказӣ мебошад.

Барномаи БОМКА аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ гардида ва фаъолиятҳои он тавассути БРСММ амалӣ мешаванд (МБСРМ).

Барои дарёфт намудани иттилооти бештар *хоҳишмандем ба Сӯҳроб Каҳоров, Менеҷери Барномаи БОМКА дар ҶТ бо имейли мазкур suhrob.kaharov@undp.org дар тамос бошед.*